шаҳри Душанбе соли 2024

ҚАРОРДОДИ № 518910

Аз як тараф "Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (минбаъд «Фармоишгар»), суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе х. Рудакӣ 192, ва аз тарафи дигар ҶДММ "Ширкати муҳофизатӣ" (минбаъд «Хизматрасон») суроғa: **Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе ноҳияи Фирдавси кучаи Мушфиқи, 77**, барои иҷрои хизматрасони: муҳофизат, таъмини бехатарӣ ва риояи махфият дар марказҳои имтиҳон барои ИМД-2024 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳури бо нархномаи зерин:

№	*Номгуи кор ва хизматрасонӣ*	*Воҳиди ченак*	*Миқдор*	*Нархи ҳар як адад бо сомони*	*Нархи умуми бо сомони*
1	Муҳофизат, таъмини бехатарӣ ва риояи махфият дар марказҳои имтиҳон барои ИМД-2024 рузҳои 01-09 июли соли 2024	Адад	45	4821,18	216953,00
	Ҳамагӣ:				216953,00

ба маблаги умумии: 216953,00 (Дусаду шонздаҳ ҳазору нуҳсаду панҷоҳу се) сомонию 00 дирам.

Бо қарордоди мазкур Фармоишгар ва Хизматрасон ба чунин мувоифиқа омаданд:

1. Мавзӯи Қарордод.

1.1. «Хизматрасон» ӯҳдадор мешавад ба «Фармоишгар» хизматҳои зеринро пешниҳод намояд (расонад): муҳофизат, таъмини бехатарӣ ва риояи махфият дар марказҳои имтиҳон барои ИМД-2024таъмин намояд.

1.2. «Фармоишгар» ӯҳдадор мешавад, ки хизматхои дар банди 1.1.-и қарордоди мазкур расонидашударо сари вақт қабул намуда, ҳаққи онро пардохт намояд.

2. Истифодабарии ҳуҷҷатҳо ва ахборотҳои қарордод.

2.1. «Хизматрасон» наметавонад бе розигии хаттии «Фармоишгар» ба шахси сеюм, бо истснои он ҳайати корие, ки барои иҷрои ухдадориҳои қарордод ҷалб гардидаанд. мазмун, мавзӯъ, таъиноти қарордод ва ё ҳуҷҷатҳо ва ахборотхои аз тарафи «Фармоишгар» ва ё аз номи ӯ пешниҳодгардидаро кушояд. Ахбороти мазкур бояд ба ҳайати кори танҳо дар он ҳаҷме пешниҳод гардад, ки ба иҷрои ухдадориҳои қарордодашон зарур бошад.

2.2. «Хизматрасон» наметавонад бе розигии хаттии «Фармоишгар» ҳуҷҷатҳо ва ахборотҳои дар боло зикршударо, ғайр аз мақсади иҷрои қарордод ба дигар мақсад истифода барад.

3. Пардохт.

3.1. Пардохти ҳаққи хизматрасониҳои ҷиҳати муҳофизат, таъмини бехатарӣ ва риояи махфият дар марказҳои имтиҳон барои ИМД-2024 баъд аз иҷрои пурраи ухдадориҳои қарордод, бо пешниҳоди кор, борхат, санади иҷроиши хизматрасонӣ, ҳисобнома-фактура бо роҳи ғайринақди ба суратҳисоби «Хизматрасон» амали гардонида мешавад.

4. Даровардани тағйирот ва иловаҳо.

4.1. Ҳаммаи тағйирот ва иловаҳо ба қарордод баъди ба имзо расонидани он мумкин аст бо тариқи истисно бо риояи тартиби муқараргардида сурат гирад.

4.2. Тағйирот ва иловаҳо ба қарордоди мазкур бо талаботи тағйирнопазирии сифат ва дигар талаботҳо, ки барои «Хизматрасон» асос гардидааст мумкин аст:

1). Дар доираи кам ва ё зиёд кадрани ягон намуди хизматрасони дар ҳаҷми хизматрасонии умумӣ ба шарти зиёд нагардидани маблаги умумии хизматрасонӣ, ки дар қарордоди мазкури хариди давлатӣ нишон дода шудааст.

2). Аз ҷумла дар давоми муҳлати иҷрои қарордод агар нархи мол ё хизматрасони паст гардад, мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо нархи хизматрасонӣ кам карда шавад.

4.3. Даровардани тагйирот ва иловаҳо ба асосҳое, ки молрасонро дар озмуни хариди давлатӣ ғолиб эътироф намудааст иҷозат дода намешавад.

4.4. Ҳар як тагйирот ва иловаҳо ба қарордод бо мувофиқаи тарафҳо ва тариқи хатти сурат мегирад.

5. Супоридани ҳуқуқҳо.

5.1. «Хизматрасон» на бояд пурра ва ё қисман бе розигии хаттии «Фармоишгар» ухдадориҳои қарордоди худро ба шахси дигар супорад.

6. Тартиби ҳалли баҳсҳо.

6.1. «Фармоишгар» ва «Хизматрасон» ҳаммаи чораҳоро меандешанд, ки баҳсҳо ва гуногунфикриро оиди иҷроиши ухдадориҳои қарордод бо роҳи сулҳомез ҳал намоянд.

6.2. Агар баъди гузаши 21 руз аз рузи саршавии гуфтушунид оиди халли баҳсҳо тарафҳо баҳсҳоро бо роҳи сулҳомез ҳал карда натавонанд, тарафҳо ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки баҳс мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардад.

7. Ҳуқуқи Фармоишгар ба манъ кардани хизматрасонӣ.

7.1. Агар Хизматрасон ухдадориҳои худро оид ба бартараф намудани камбудиҳои хизматрасонӣ, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои қарордод мувофиқат намекунанд иҷро накунад, инчунин муайян карда шавад, ки Хизматрасон то ба охир хизматрасониро ба анҷом расонида наметавонад, Фармоишгар ва ё шахси ваколатдори у метавонанд бо тариқи хатти оиди пурра манъ кардани хизматрасонӣ ё қисми он то бартараф намудани монеаҳо фармоиш диҳанд.

8. Ҳуқуқи Фармоишгар ба ислоҳи нуқсонҳои корХизматрасон.

8.1. Агар Хизматрасон натавонад ё нахоҳад нуқсони хизматрасониро ислоҳ кардан ва дар давоми 10 рузи гирифтани огоҳинома аз тарафи Фармоишгар ба у ба таври хатти ҷавоб нагардонад Фармоишгар ҳуқуқ дорад баъди 7 руз талаби худро такрор намояд. Агар Хизматрасон дар давоми 7 рузи оянда ба ислоҳ намудани нуқсон қодир набошад Фармоишгар ҳуқуқ дорад бо кувваи худаш ин нуксонро бартараф намояд. Дар чунин ҳолат фармони дахлдор дар бораи тағйирот дарҷ мегардад, ки мувофиқи он аз маблаге, ки ба Хизматрасон пардохт мегардад маблаги барои ислоҳи нуқсонҳо сарфшуда ва ҷуброни харочоти хизматҳои иловагии тарроҳ ва дигар харочотҳои зарурири тарҳ карда мешавад. Агар маблаги ба Хизматрасон таалуқдошта барои пушонидани харочотҳо кифояги накунад Хизматрасон бояд аз ҳисоби маблағҳои худ тафовути онро пардохт намояд.

9. Назорати вақт.

9.1. Ҷадвали иҷроиши хизматрасонӣ.

9.1.1.Хизматрасон ба фармоишгар барои тасдиқ намудан ҷадвали иҷроиши хизматрасониро пешниҳод менамояд, ки дар он тартиб ва муҳлати хизматрасонӣ, инчунин ҷадвали пардохт аз тарафи Фармоишгар нишон дода шудааст. Муҳлати пешниҳоди ҷадвал дар давоми 3 рузи баъди имзои қарордоди хизматрасонӣ муайян карда шудааст.

9.2.Дароз кардани муҳлати хизматрасонӣ.

9.2.1.Фармоишгар дар ҳолатҳои фавкулода ва ногувор (форс-мажор), рад кардани пешниҳод ва корҳое, ки муҳлати иловагиро талаб мекунанд муҳлати хизматрасониро дароз менамояд.

10. Назорат аз болои сифат.

10.1. Санҷишҳо.

10.1.1. Хизматрасон вазифадор аст рафти хизматрасониро пурра назорат намуда ва барои ин тамоми дониш ва имкониятҳои худро истифода барад.

10.1.2. Хизматрасон дар назди Фармоишгар барои ҳаракат ва камбудиҳои кормандонаш, Хизматрасони ғайриасоси, кормандон ва шахсони бовариноки Хизматрасони ғайриасоси ва кормандоне, ки бо Хизматрасон қарордод дошта қисман ягон хизматрасониро ичро менамоянд ҷавобгар мебошад.

10.2. Бартараф намудани нуқсонҳо.

10.2.1. Фармоишгар Хизматрасонро оиди нуқсонҳои пайдогашта ба таври хатти хабардор намуда муҳлати бартараф намудани онро нишон медиҳад.

10.2.2. Хизматрасон хабарномаро оиди нуқсон гирифта бояд дар муҳлати дар хабарнома нишондодашуда онро бартараф намояд.

11. Назорати арзиш.

11.1. Тағйироти ҳаҷми хизматрасонӣ ва пардохти он.

12. Пардохти пешмузд.

12.1. Фармоишгар метавонад дар ҳаҷми маблағе, ки дар қарордод нишон дода шудааст ба Хизматрасон пешмузд диҳад. Хизматрасон бояд маблағи пешмуздро танҳо барои пардохти масолеҳ, таҷҳизот ва музди меҳнат, ки ичроиши қарордоди мазкур талаб мекунад сарф намояд.

13. Пардохтҳои ҳармоҳа.

13.1. Дар сурати ба Хизматрасон пардохт намудани пешмузд, пардохтҳои ҳармоҳа бо нигоҳдории пешмузди дар қарордод нишондодашуда пардохта мешавад.

13.2. Агар Фармоишгар ба Хизматрасон маблаги ҳаққи хизматро дар муҳлати дар қарордодмуайянгардида пардохт накунад ба Хизматрасон дар ҳаҷми муайянкардаи қарордод барои ҳар рузи дермони ҷарима пардохт менамояд. Пардохти ҷарима ба пардохти навбати ҳамроҳ карда мешавад. Фоизи ҷарима аз рузе, ки бояд ҳақи хизмат ҳисоб карда мешуд то рузи пардохти навбатии ҳаққи хизмат ҳисоб карда мешавад.

14. Пардохти ҷуброн.

14.1.Вокеаҳои зерин сабаби тағйир ёфтани давомнокии хизматрасонӣ ё додани ҷуброни пули ба Хизматрасон мегардад:

а). Фармоишгар истифодаи ҳаммаи маълумот ва талаботашро ичозат намедиҳад, ки ин хизматрасониро бозмедорад. Дар чунин ҳолат Фармоишгар вазифадор аст муҳлати ичрои қарордодро гузашт кунад.

б). Батаъхирандозии пардохти пешмузд.

15. Нигоҳ доштани маблаг.

15.1. Фармоишгар аз ҳар як пардохти ҳаққи хизмат ба Хизматрасон бояд 10%-и маблаги ичроиши ҳаҷми корро нигоҳ дорад.

15.2.Баъди анҷоми пурраи хизматрасонӣ нисфи маблагҳои дошташуда мумкин аст ба Хизматрасон пардохт гардад ва қисми боқимонда пас аз бартараф намудани нуқсонҳо ва ғалатиҳо пардохт карда карда мешавад.

16. Кафолат.

16.1. Хизматрасон ба Фармоишгар кафолат медиҳад, ки хизматрасонии дар асоси қарордод расонидашуда буда сифати хуб доранд ва хизматрасонӣ ба талабоҳои қарордод мувофиқат мекунад. Хизматрасониҳое, ки ба ин талабот мувофиқат намекунанд аз ҷумла тағйиротҳои бе мувофиқаи Фармоишгар даровардашуда нуқсон ҳисобида мешавад.

17. Ҳолатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор).

17.1. Дар сурати сар задани офати табии, сашавии ҷанг ё ягон намуди ҳодисаҳои фавқулода, ки онро на Фармоишгар ва на Хизматрасон назорат карда наметавонанд ичроиши қарордод манъ мегардад. Фармоишгар манъи қарордодро тасдиқ менамояд. Хизматрасон дар муҳлати кутоҳтарини баъди гирифтани хабарнома оиди муваққатан манъ кардани хизматрасонӣ дар иншоот хизматрасониро манъ мекунад. Фармоишгар ҳаққи тамоми корҳои ичрошуда ва корҳои вобаста ба муваққатан манъ кардани корро ба Хизматрасон пардохт менамояд.

18. Ҳимояи хизматҳои ичронамудаи Хизматрасон.

18.1 Хизматрасон бояд ҳимояи хизматҳои расонидашуда ва тамоми захираҳоро аз сарди, сухтор, дузди, нобудшавии махфи ва дигар сабабҳо таъмин намояд. Хизматрасон дар рафти хизматрасонӣ ҳимояи иловагии моликияти Фармоишгарро аз зарар, осеб таъмин менамояд. Ҳаммаи харҷотҳои сарфнамудаи Хизматрасон вобаста ба корҳои зикршуда аз тарафи Фармоишгар ба тарзи иловаги пардохт намегардад.

18.2. Фармоишгар ба ягон зарар ва ё осеби хизматрасонии Хизматрасон, ки бо сабабҳои зикршуда ба амал омадаанд то ба охир расидани хизматрасонӣ ва қабул намудани он ҷавобгар намебошад ва Хизматрасон бояд бе ягон харочоти иловаги аз тарафи Фармоишгар, зарар ва ё осеби расонидашударо баркаро намояд.

18.3. Хизматрасон баъди анҷоми тамоми хизматрасониҳои дар қарордод пешбинишуда ба Фармоишгар оиди анҷоми хизматрасонӣ хабарнома мефиристад. Фармоишгар на дертар аз 7 рӯз оиди баходиҳи ба хизматрасонии анҷомдодашудаи қарордод гуруҳи кории махсус таъин менамояд.

18.4. Гуруҳи кори бо иштироки Хизматрасон гузаронида мешавад.

18.5. Санаи санади гуруҳи кори санаи анҷоми хизматрасонӣ нишон дода мешавад.

18.6. Гуруҳи кори номгуи хизматрасониҳои нобаанҷом ва муҳлати бартараф намудани онро тартиб медиҳад. Муҳлати бартараф намудани хизматрасониҳои нобаанҷом муҳлати ба охир расидани қарордод мебошад. Далели бартараф намудани хизматрасониҳои нобаанҷом санади охирини қабул мебошад.

19. Ҷарима барои ичро накардани муҳлати қарордод.

19.1. Ғайр аз ҳоллатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор) агар Хизматрасон дар муҳлати дар қарордод нишондодашуда хизматрасониро анҷом дода натавонад, ташкилоти харидор дар доираи қарордод метавонад хизматрасонро ҷаримаи ахдшикани бандад.

20. Муҳлати амали қарордод.

20.1.Муҳлати саршавии хизматрасонӣ санаи мавриди амал қарор гирифтани қарордод мебошад.

20.2. Хизматрасон вазифадор мешавад, ки ичрои хизматрасони то 9 июли соли 2024 таъмин намояд. Муҳлат мумкин аст бо сабабҳои пешбининамудаи ҳуччатҳои қарордод бо даровардани тағйиротҳои дахлдор ба қарордод тағйир дода шавад. Агар Хизматрасон шартҳои қарордодро дар муҳлати қарордод ичро карда натавонад ба Фармоишгар ба маблаги 0,1% аз маблаги умумии қарордод барои ҳар як рузи тақвими барои таваққуфи анҷоми хизматрасонӣ ҷарима месупорад.

21. Маблаги қарордод.

21.1.Фармоишгар уҳдадор мешавад ба Хизматрасон барои ҳаҷми хизматрасонӣ мувофиқи қарордод ичрошуда маблаги қарордодро дар ҳаҷм ва пуле, ки дар қарордод нишон дода шудааст бо илова ё доштани маблаг, ки дар ҳуччатгузории қарордод нишон дода шудааст пардохт намояд.

21.2. Пардохти пешмузд.

21.2.1. Фармоишгар ба Хизматрасон дар ҳаҷми 20 % пешрардохт дар давоми 10 рӯзи бонкӣ пардохт менамояд. Пешмузд дар намуди нигоҳдори аз ичозатномаҳои пардохти (счёт-фактур) бозгошта мешавад.

21.3. Арзиши умуми: мувофиқи нархномаи пешниҳодшуда ба маблаги: : 216953,00 (Дусаду шонздаҳ ҳазору нуҳсаду панҷоҳу се) сомонию 00 дирам.

22. Пардохтҳои ҷори.

Суратҳисоб: 20202972500020102488 дар ФҶСК "Бонки Эсхата" шаҳри Душанбе,
Ҳисоби кореспонденти: 20402972457071, БИК: 350101707, РМА: 030033552

23. Пардохти пурра.

Пардохти пурраи маблаги қарордод аз тарафи Фармоишгар ба Хизматрасон бояд дар сурати аз тарафи Хизматрасон пурра ичро намудани ухдадориҳои қарордод ва дигар ухдадориҳои вобаста ба ислоҳ намудани камбудиҳо амали карда шавад.

24. Қатъ ва манъ кардани қарордод.

24.1. Фармоишгар ё Хизматрасон метавонанд қарордодро то муҳлати дар қарордод нишондодашуда бекор намоянд, агар як тараф ба таври назаррас қарордодро вайрон кунад, ки онро аз шартҳои асосии қарордод маҳрум менамояд.

24.2. Вайронкунии назарраси қарордод инҳо буда бо ин маҳдуд намегардад:

а). Фармоишгар метавонад қарордодро бекор кунад, агар Хизматрасон якчанд маротиба чадвали ичроиши хизматрасониро вайрон намояд.

б). Хизматрасон дар муҳлати аз тарафи Фармоишгар муқарраркарда нуқсонҳоро бартараф накунад.

в). Фармоишгар ба Хизматрасон супориш медиҳад, ки хизматрасониро ба муҳлати муайян боздорад ва ин супориш то ба охир расидани муҳлати нишондодашуда бекор намегардад.

г). Фармоишгар ё Хизматрасон муфлис шаванд ё ин, ки барҳам дода шаванд, бо истиснои таҷдиди сохтор ё ҳамроҳшави.

24.3. Агар қарордод бекор карда шавад, Хизматрасон бояд фавран хизматрасониро қатъ намояд.

24.4. Агар қарордод бо сабаби аз тарафи Хизматрасон ба таври назаррас вайрон кардани қарордод бекор карда шавад, Фармоишгар бақияи пули хизматрасониҳои баанчомрасонидашудаеро, ки қабул намудааст пардохт менамояд. Агар маблаги умумии хароҷоти Фармоишгар вобаста ба бекор кадани қарордод аз маблаги ба Хизматрасон пардохтмешуда зиёд бошад фарқияти он қарз ба ҳисоб рафта бояд ба Фармоишгар пардохт гардад.

24.5. Фармоишгар метавонад ҳар лаҳза бо сабаби бе фоида будани хизматрасонӣ ба Хизматрасон хабарномаи хатти фиристода қарордодро пурра ё қисман бекор намояд. Дар хабарнома бояд сабабҳои бекор кардани қарордод, ҳаҷми хизматрасониҳои бекоркардашуда ва санаи эътибор пайдо намудани бекоркунии қарордод нишон дода шавад.

24.6.Дар чунин ҳолат Фармоишгар ҳаққи хизматҳои ичрошударо пардохт менамояд.

24.7. Вақте, ки қарордод бо сабабҳои зикршуда бекор карда мешавад ба Хизматрасон танҳо харочотҳои воқеии то рузи бекор кардани қарордод харчшуда пардохта мешавад.

24.8. Ҳолатҳои фавқуллода ва ногувор (форс-мажор). Дар сурати сар задани офати табии, сашавии ҷанг ё ягон намуди ҳодисаҳои фавқулода, ки онро на Фармоишгар ва на Хизматрасон назорат карда наметавонанд, ичроиши қарордод манъ мегардад. Фармоишгар манъи қарордодро тасдиқ менамояд. Хизматрасон дар муҳлати кутоҳтарини баъди гирифтани хабарнома оиди муваккатан манъ кардани хизматрасонӣ хизматрасониро манъ мекунад. Фармоишгар ҳаққи тамоми хизматҳои расонидашударо то санаи манъкуни ба Хизматрасон пардохт менамояд.

25. Номгуи ҳуччатҳои шарномави.

25.1. Ҳуччатҳои қарордод бо истиснои тағйироте, ки баъди амали гаштани қарордод ворид карда шудааст дарбар мегирад:

25.1.1. Қарордоди мазкур, ки байни Фармоишгар ва Хизматрасон баста шудааст.

25.1.2. Нархгузори (калькуляция), ки дар он ҳаҷми хизмат, нархмони ва дигар ҳисобкунихо мавҷуданд.

ФАРМОИШГАР:	ХИЗМАТРАСОН
ДИРЕКТОРИ	ДИРЕКТОРИ
Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	ҶДММ "Ширкати мухофизатӣ"
Ҷаъфарзода С.Ф. _____ (имзо)	Давлатзода Ф.С _____ (имзо)
„15" 06 _____ соли 2024	„15" 06 _____ соли 2024

Замимаи №1 ба қарордоди №517878

АРЗИШИ

хизматрасонии барои муҳофизат ва таъмини бехатарӣ дар 45 марказҳои имтиҳонҳои Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМД-2024

4	Номгӯйи хароҷот	Маблағи умумӣ	Эзоҳ
I	**Музди меҳнат:**		
1	Музди меҳнати кормандон	144 150,00	Замимаи№1
	Ҳамагӣ музди меҳнат	**144 150,00**	
II	**Андози иҷтимоӣ 20%**	**28830**	
III	**Дигар хароҷот:**		
1	Хароҷоти конселярӣ	4130	Замимаи№2
2	Хароҷоти маводи сӯзишворӣ ва таъмири автомашинаҳо	1320	Замимаи№3
3	Хароҷоти сафарҳои хизматӣ	18800	Замимаи№4
	Ҳамагӣ хароҷоти дигар	**24250,00**	
	Ҳамагӣ хароҷоти аслӣ	**197230,00**	
	Даромадноки 10 %	**19723,00**	
	Ҳамагӣ	**216953,00**	

Директори ҶДММ "Ширкати муҳофизатӣ" Давлатзода Ф. С.

Директори ММТНПҶТ Ҷаъфарзода С.Ф.

Ҳисоби № 1 "Музди меҳнати кормандон барои хизматрасонии муҳофизат ва таъмини бехатарӣ барои 45 Маркази имтиҳонии "Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ИМД-2024"

№	Номгӯйи вазифаҳо	Шумораи воҳидҳои корӣ	Маблағи музди меҳнат дар давраи имтиҳон бо сомонӣ барои як нафар	Маблағи умуми
	I. ҲАЙАТИ АСОСӢ			
1	Музди меҳнати маъмурият	4	1 200,00	4 800,00
2	Муҳофизаи бехатарӣ (сардори гуруҳ минтақа)	6	1 100,00	6 600,00
3	Муҳофизаи бехатарӣ (мард)	90	1 000,00	90 000,00
4	Муҳофизаи бехатарӣ (зан)	45	950,00	42 750,00
	Ҷамъ:			**144 150,00**

Директори ҶДММ "Ширкати мухофизати" Давлатзода Ф. С.

Замимаи №2

Ҳисоби №2 "Хароҷоти канселярӣ "

	Номгӯйи мавод	Воҳиди ченак	Миқдор	Арзиши як воҳиди ченак	Маблағи умумӣ
1	Коғази А4	Баста	5	76	380
2	Китоби бақайдгирии махсус	Адад	45	45	2025
3	Ручка	Адад	10	1,5	15
4	Қоғази часпак барои телефонҳо	Баста	45	38	1710
	Ҷамъ:				**4130**

Директори ҶДММ "Ширкати мухофизати" Давлатзода Ф. С.

Замимаи №3

Ҳисоби №3 "Хароҷоти маводи сӯзишворӣ ва таъмири автомашинаҳо"

	Номгӯйи мавод	Воҳиди ченак	Миқдор	Арзиши як воҳиди ченак	Маблағи умумӣ
I	Сӯзишворӣ (бензини А-92)	литр	120	11	1320
	Ҷамъ:				1320

Директори ҶДММ "Ширкати мухофизатӣ" Давлатзода Ф. С.

Замимаи №4

Ҳисоби №4 "Харочоти сафарҳои хизматӣ "

	Минтақа/шаҳр/ноҳия	Миқдор*	Барои як сафари хизматӣ	Маблағи умумӣ
1	Вилояти Суғд	4	1300	5200
2	Вилояти Хатлон	4	1000	4000
3	Ноҳияи Рашт	4	1000	4000
4	Шаҳри Хоруғ	4	1400	5600
	Ҷамъ:	16		18800

* миқдори сафари хизматӣ барои 10 рӯз/корманд (шабонарӯзӣ 40 сомонӣ, иҷораи манзил 80,0 сомонӣ

Директори ҶДММ "Ширкати мухофизатӣ" Давлатзода Ф. С.